# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Дустзода Ҳамрохон Ҷумъа дар мавзуи “Нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули сохтор ва маънои воҳидҳои фразеологӣ (дар асоси маводи насри муосири тоҷик)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Воҳидҳои фразеологӣ маҷмуи ифодаву ибораҳои рехтаву устувори дар тули асрҳо шаклгирифтаи ҳар забон, аз ҷумла забони тоҷикӣ ба ҳисоб меравад ва таҳқиқ дар заминаи нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккул ва такомули онҳо дар забоншиносии имрӯзаи тоҷик масъалаи муҳим ва судманд арзёбӣ мешавад. Вале, мутаассифона, дар масъалаи омӯзиши нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули сохтор ва маънои воҳидҳои фразеологӣ дар заминаи маводи насри муосири тоҷик то ба имрӯз таҳқиқоти ҷудогона ба анҷом нарасидааст.

Бинобар ин, дар диссертатсияи Дустзода Ҳамрохон Ҷумъа мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтани ин масъала дар забоншиносии тоҷик аз аҳаммияти вежа бархурдор аст ва барои таҳқиқоти минбаъда дар ин замина роҳ боз мекунад.

Таҳқиқоти мавриди назар бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ алоқамандӣ ва ҳамбастагии комил дошта, дар доираи самти корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи забони адабии муосири факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон анҷом пазируфтааст. Мазмуну муҳтавои диссертатсияи Дустзода Ҳамрохон Ҷумъа, ки дар он нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули сохтор ва маънои воҳидҳои фразеологӣ дар заминаи маводи насри муосири тоҷик мавриди таҳқиқи густурдаи илмӣ қарор гирифтааст, бо шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мувофиқат дорад.

**Навгонии илмии таҳқиқ,** пеш аз ҳама, дар он ба мушоҳида мерасад, ки дар диссертатсияи мазкур бори аввал мавқеи воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули сохтор ва маънои воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ ба таври мушаххас таҳлил гардида, бори нахуст дар забоншиносии тоҷик истилоҳоти илмии воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ, истиоравӣ, ташбеҳӣ, тавсифӣ ва киноявӣ пешниҳод шудааст. Ҳамчунин дар диссертатсияи мавриди назар мафҳуми аломати забонӣ ва робитаи он бо маъно, маънои забонӣ ва навъҳои он, таҳлили мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологӣ ва тобишҳои маъноии мафҳумӣ, образнок, эҳсосотӣ,

баҳодиҳӣ дар он, таснифоти сохторию маънoии воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ, истиоравӣ, ташбеҳӣ, тавсифӣ ва киноявӣ муқаррар шудааст. Илова бар ин, фарқи миёни маҷози забонӣ аз маҷози бадеӣ муайян гардида, мавқеи он ба сифати унсури муҳимми воситаҳои тасвири бадеӣ дар воҳидҳои фразеологӣ нишон дода шудааст.

Бояд таъкид кард, ки даҳ нуктаи асосии илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда, ки дар тавсифи умумии таҳқиқ номбар шудаанд, дар диссертатсия бомуваффақият ҳаллу фасл гардидаанд.

**Дараҷаи асоснокӣ ва эътимоднокии таҳқиқи** мавриди тақриз ба фаровонии ҳаҷми маводи таҳқиқ, муътамадии сарчашмаҳои илмӣ, дақиқии маълумот, таҳлили ҷиддии маводи гирдомада ва ҳаҷми зиёди интишорот алоқаманд мебошад.

**Хулоса ва тавсияҳое,** ки дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ ва амалӣ пешниҳод шудаанд, муътамад ба назар мерасанд ва қобили пазиришу баҳрабардорӣ диниста мешаванд.

**Аҳаммияти назарии** диссертатсия дар он ба мушоҳида мерасад, ки натиҷаҳои бадастовардаи унвонҷӯ имкон дорад барои тақвияти назарияи маъношиносӣ дар робита ба муқаррар намудани мафҳуми маънои забонӣ ва навъҳои он мусоидат намояд. Илова бар ин, натиҷаҳои бадастомадаро метавон ба таври густурда дар инкишофи назарияи илми фразеологияи тоҷик вобаста ба табиати забонии воҳидҳои фразеологӣ, махсусан таснифоти мундариҷаи маънoии онҳо мавриди истифода қарор дод.

**Аҳаммияти амалии** таҳқиқи анҷомёфта дар он ба назар мерасад, ки хулосаҳои илмии аз диссертатсия бадастомада имкон дорад ҳангоми таҳияи рисолаҳои илмӣ, таълифи фарҳангҳои тафсирию фразеологӣ, дастуру барномаҳои таълим, хондани курсу семинарҳои махсус аз фразеология, луғатшиносӣ, маъношиносӣ ва сарфу наҳв истифода гардад.

Сохтори диссертатсия вобаста ба мақсаду моҳияти мавзуи мавриди таҳқиқ тарҳрезӣ шуда, аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқ, чор боб бо шумули панҷоҳу ҳафт фаслу зерфасл, хулоса ва феҳристи осори илмию бадеӣ иборат аст.

Дар муқаддима (с. 5-11) аҳаммияти таҳқиқ ва дараҷаи омӯзиши он, ҳамчунин робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ баён гардидааст.

Дар бахши тавсифи умумии таҳқиқ (с. 12-18) мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, объект ва предмети таҳқиқ, асосҳои назарию методологӣ ва сарчашмаҳои таҳқиқ номбар шуда, навгонии илмӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ ва дигар қисматҳои анъанавӣ ба таври нисбатан муҷаз баён шудааст.

**Боби нахустини** диссертатсия «Нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар танзими маъноҳои воҳиди фразеологӣ» (с.19-145) ном дошта, аз ҳашт фасл иборат мебошад.

Дар фасли якуми ин боб масъалаҳои марбут ба аломати забонӣ ва робитаи он бо маъно, дар фасли дувум маънои забонӣ ва навъҳои он, дар фасли севум маънои фразеологӣ ҳамчун як навъи маънои забонӣ, дар фасли чорум маънои мафҳумӣ дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ, дар фасли панҷум маънои образнок дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ, дар фасли шашум маънои эҳсосотӣ дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ, дар фасли ҳафтум маънои баҳодиҳӣ дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ ва дар фасли ҳаштум нақши маҷози забонӣ дар ифодаи воситаҳои тасвири бадеӣ дар воҳидҳои фразеологӣ бо овардани шоҳидҳои мушаххас аз маводи насри муосири тоҷик мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

**Боби дувуми** диссертатсияи мавриди назар «Муболиға ва истиора дар сохтори воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ» (с.146-246) унвон дорад, ки ҳамчунин мисли боби аввал аз ҳашт фасл ва зерфаслҳо иборат мебошад.

Фасли аввали боби дувум "Муболиға ва нақши он дар ташаккули воҳидҳои фразеологӣ" номгузорӣ шудааст. Дар ин фасл унвонҷӯ таъкид бар он дорад, ки муболиға ҳам ба мисли дигар воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ нақши фаъол бозида, воситаест, ки дар заминаи аз доираи воқеият берун тасвир кардани моҳияти мафҳум, ашё ва ҳодиса ба воситаи воҳиди фразеологӣ сурат мегирад.

Дар фасли дувуми ин боб ва ду зерфасли он хусусиятҳои сохтории воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Унвонҷӯ андеша дорад, ки қисмати бузурги воҳидҳои фразеологии муқоисавиро ибораҳои фразеологии феълӣ ва ҷумлаҳои фразеологии муболиғавӣ ташкил медиҳанд. Бинобар ин, дар ду зерфасли фасли дувуми

боби дувум иборaҳои фразеологии феълӣ ва ҷумлаҳои фразеологии муболиғавӣ таҳқиқ шудаанд.

Дар фасли севум ва се зерфасли он хусусиятҳои маънoии воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ таҳқиқ гардидаанд. Соҳиби диссертатсия дар се зерфасли ин фасл ифодаи маънои мафҳумию образнок дар воҳидҳои фразеологии муқоисавӣ, ифодаи маънои баҳодиҳӣ дар воҳидҳои фразеологии муқоисавӣ ва ифодаи маънои эҳсосотӣ дар воҳидҳои фразеологии муқоисавиро таъйину ташхис ва шарҳу эзоҳ додааст.

Дар фасли чоруми боби дувум ва ду зерфасли он ду гурӯҳи маънoии воҳидҳои фразеологии муқоисавӣ: идиомаҳои муболиғавӣ ва фраземаҳои муболиғавӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Дар фасли панҷум истиора ва нақши он дар ташаккули воҳидҳои фразеологӣ таҳқиқ шудааст.

Дар фасли шашум ва се зерфаслаш хусусиятҳои сохтории воҳидҳои фразеологии истиоравӣ таҳқиқ гардидаанд. Унвонҷӯ дар се зерфасл мутаносибан таркибҳои фразеологии истиоравӣ, иборaҳои фразеологии истиоравӣ ва ҷумлаҳои фразеологии истиоравиро таҳқиқ намудааст.

Дар фасли ҳафтум ва се зерфасли он унвонҷӯ хусусиятҳои маънoии воҳидҳои фразеологии истиоравиро ба риштаи таҳқиқ кашида, ифодаи маънoҳои мафҳумӣ, образнок ва эҳсосотию баҳодиҳиро дар воҳидҳои фразеологии истиоравӣ таъкид кардааст.

Дар фасли ҳаштуми ин боб ва ду зерфасли он ду гурӯҳи маънoии воҳидҳои фразеологии истиоравӣ: идиомаҳои истиоравӣ ва фраземаҳои истиоравӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

**Боби сеюми** диссертатсия «Ташбеҳ дар сохтори воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ» (с.247-310) ном дорад ва аз шаш фаслу зерфаслҳо иборат мебошад.

Дар фасли аввали ин боб ташбеҳ ва нақши он дар ташаккули воҳидҳои фразеологӣ таҳқиқ шудааст.

Фасли дувуми боби севум аз ду зерфасл иборат аст ва дар ин фасл нишонаҳои забонии воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Унвонҷӯ дар ду зерфасл нишонаҳои асосии фарқкунандаи воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ ва нишонаҳои иловагии воҳидҳои фразеологии ташбеҳиро таъйину ташхис кардааст.

Дар фасли севуми боби севум ифодаи образҳои мардумӣ дар воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ таҳқиқ шудааст.

Дар фасли чорум ва се зерфаслаш хусусиятҳои сохтории воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ дар намунаи таркибҳои фразеологии ташбеҳӣ, ибораҳои фразеологии ташбеҳӣ ва ҷумлаҳои фразеологии ташбеҳӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Дар фасли панҷум ва се зерфасли он хусусиятҳои маъноии воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ таҳқиқ гардида, ифодаи маъноҳои мафҳумӣ, образнок ва эҳсосотию баҳодиҳӣ дар воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ шарҳу тавзеҳ гардидааст.

Дар фасли шашуми боби севум ва ду зерфасли он ду гурӯҳи маъноии воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ: идиомаҳо ва фраземаҳои ташбеҳӣ таҳқиқ шудаанд.

**Боби чоруми** диссертатсия «Тавсиф ва киноя дар сохтори воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ» (с.311-376) унвон дорад ва аз ҳафт фасл иборат мебошад. Дар фаслу зерфаслҳои ин боб дар робита ба масъалаҳои тавсифу киноя ба сифати воситаҳои тасвири бадеӣ, нақши тавсифу киноя дар бунёди воҳидҳои фразеологӣ ва вижагиҳои сохторию маъноии ин воҳидҳои фразеологӣ сухан меравад.

Дар фасли якуми боби чорум тавсиф ва нақши он дар ташаккули воҳидҳои фразеологӣ таҳқиқ гардидааст.

Фасли дувум ба таҳқиқи хусусиятҳои сохтории ибораҳои фразеологии тавсифӣ бахшида шудааст.

Дар фасли севуми боби чорум ва ду зерфасли он хусусиятҳои маъноии ибораҳои фразеологии тавсифӣ, яъне ифодаи маънои мафҳумӣ ва мафҳумию образнок дар ибораҳои фразеологии тавсифӣ ва ифодаи маънои эҳсосотӣ ва баҳодиҳӣ дар ибораҳои фразеологии тавсифӣ таҳқиқ гардидааст.

Дар фасли чорум ва зерфасли он фраземаҳои тавсифӣ таҳқиқ шудаанд.

Дар фасли панҷум киноя ва нақши он дар ташаккули воҳидҳои фразеологӣ, дар фасли шашум хусусиятҳои сохтории воҳидҳои фразеологии киноявӣ ва дар фасли ҳафтум хусусиятҳои маъноии воҳидҳои фразеологии киноявӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Дар қисмати **хулоса** (с.377-383) дар 28 банд натиҷагириҳои муаллифи диссертатсия аз таҳқиқи дар ин замина анҷомдодаи ӯ баён гардида, оид ба истифодаи амалии онҳо дар 7 банд тавсияҳои муфид пешниҳод шудааст.

Аз рӯйи мавзуи диссертатсия муаллиф 1 монография, 33 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 18 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти ҶТ ба табъ расонидааст. Ҳамзамон, унвонҷӯ нуктаҳои асосии мавзуи таҳқиқро дар конференсия ва семинарҳои гуногуни илмию амалии дохилию байналмилалӣ дар шакли маъруза пешниҳод кардааст. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаи таҳқиқот ва пешниҳодҳои муаллиф инъикос ёфтаанд.

Автореферати диссертатсия, суханрониҳои илмӣ, монография ва мақолаҳои ба чоп расонидаи Дустзода Ҳамрохон Ҷумъа муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос намуда, аз салоҳият ва лаёқати баланди илмии довталаби дараҷаи илмӣ гувоҳӣ медиҳанд.

Дар баробари дастовардҳои назаррас диссертатсия аз нуқсону норасоиҳо низ орӣ нест, ки ба пиндори мо рафъи баъзе аз онҳо дар фаъолияти минбаъдаи илмии муаллиф аз манфиат холӣ нахоҳад буд.

1. Номи фаслу зерфаслҳо дар бештари маврид, ба истиснои табдили баъзе калимаҳо, аз ҷумла муболиғавӣ, истиоравӣ, ташбеҳӣ... дар диссертатсия такрор омадааст, ки ҳусни онро каме коҳиш медиҳад.

2. Дар диссертатсия ба баъзе корҳо дар заминаи воҳидҳои фразеологӣ, ки дар Тоҷикистон солҳои охир ба нашр расидаанд, аз ҷумла рисолаи илмӣ ва монографияи Бойматова Д.М. Таҳлили муқоисавии воҳидҳои фразеологии тоҷикӣ ва фаронсавӣ (дар заминаи романи “Духтари оташ”-и Ҷалол Икромӣ ва повести “Бегона”-и Албер Камю) (Душанбе, 2021) ишора нашудааст.

3. Ному насаби баъзе донишмандон ба ду шакл, масалан, Тусӣ (с. 6), Тӯсӣ (с. 7), омадааст, ки ба ҳамгунӣ ниёз дорад. Навишти номҳое чун Сосюр Ф де (с.7), Ҳусайнӣ Атоулло (с. 7)... ҳам ба бознигарӣ эҳтиёҷ дорад.

4. Дар диссертатсия ҷо-ҷо хатоҳои имлоию иншоӣ ва услубӣ ба мушоҳида мерасанд (с. 10, 17, 27...).

Норасоиҳои номбаршуда ҷузъӣ буда, ба ҳеҷ ваҷҳ аҳаммияти таҳқиқи анҷомдодаро халалдор намесозанд, зеро аксари онҳо хусусияти иншоию имлоӣ дошта, ба мазмуну муҳтавои диссертатсия таъсир намерасонанд. Диссертатсия таҳқиқи мукаммали баанҷомрасида буда, дар рушди забоншиносии тоҷик, бахусус бахши фразеология саҳми арзанда мегузорад.

Диссертатсияи мавриди назар ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30

июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, масъалаҳоеро фаро мегирад, ки дар забоншиносии тоҷик дорои аҳаммияти бузурги назарӣ ва амалӣ мебошанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Дустзода Ҳамрохон Ҷумъа дар мавзуи “Нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули сохтор ва маънои воҳидҳои фразеологӣ (дар асоси маводи насри муосири тоҷик)” кори илмӣ-таҳқиқии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мебошад.

**Муқаррizi расмӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
узви вобастаи АМИТ,
сарходими илмии Институти
забон ва адабиёти ба номи
Рӯдакии АМИТ **Султон Ҳасан Баротзода**
«25» январи соли 2024.

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Зарафшон,
бинои 16, хонаи 13.
Тел.: (+992) 93-526-98-05
E-mail: sulton_66@mail.ru

Имзои Султон Ҳасан Баротзодаро
тасдиқ мекунам:
нозири шуъбаи кадри Институти забон
ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ **Ҳ. Нарзиқулова**
«25» январи соли 2024

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21
Тел.: (+992 37) 227-29-07, 221-70-30
Сомонаи муассиса: iza.tarena.tj
E-mail: iza.rudaki@gmail.com